**ТАҚРИЗ**

*ба диссертатсияи* ***Бозоров Хушвахт*** *“Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ).*

Рисолаи доктории Бозоров Хушвахт - “Асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ” аз мавзуоти муҳимми илми педагогикаи ватанӣ буда, ба пажуҳиши асосҳои илмии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсоли мактабхон ҳини омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии онҳо бахшида шудааст.

Муаллиф бесабаб ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ накардааст, зеро таълим ва омӯзиши забони модарӣ аз рукнҳои асосии ташаккули зеҳнӣ ва донишандӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад. Ҳар қадар талабагон захираи бойи луғавӣ дошта, асосҳои илми забоншиносиро бо дарназардошти хусусиятҳои фонетикӣ, грамматикӣ, имло, аломатҳои китобат сарфаҳм раванд ва қобилияти нутқ кардан ва муоширати озодро бо баёни фикру мулоҳизоти хеш омӯзанд, ҳамон қадар дар омӯзиши фанҳои дигарӣ мактабӣ пешқадам хоҳанд шуд.

Донистани забони модарӣ – калиди дари ҳамаи фанҳои мактабӣ аст ва дар ин росто талабагони синфҳои ибтидоӣ ҳар кадар тавоноӣ ва салоҳиятмандӣ касб кунанд, ҳамон қадар сатҳи суханронӣ, муоширату ва малакаи фикрронии онҳо афзун хоҳад ёфт.

Диссертант таълими забони модариро дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ намуда, моҳият ва мазмуни аслии муносибати босалоҳият ба таълимро аз нигоҳи методологияи илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Махсусан таваҷҷуҳи

муаллиф ба асосҳои методии ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ равона гардида мушкилоти мавҷуда оид ба азбар намудани қоидаву қонунҳои забон, истифодаи онҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хатӣ дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим арзёбӣ шудааст. Дар рисолаи докторӣ методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилона дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол, низоми мураттаби машқҳо ва матнҳои таълимӣ дар робита ба ташаккули нутқи мураттаб корбаст ва пешниҳод гардидааст.

Ба ақидаи муаллиф мушаххас намудани мазмун ва мундариҷаи таълими фанни забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ, таҳлили вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикӣ, мутобиқати китобҳои дарсӣ бо барнома ва дастурҳои таълимӣ маҷмӯи масъалаҳоеанд, ки фаъолияти педагогии омӯзгорро дар раванди таълим ва омӯзиши забони модарӣ муваффақ мегардонанд.

Муаллиф дар роҳи муайян намудани метод ва усулҳои босамари таълими забони модарӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим, сабабҳои мавҷудияти душвориҳо дар самти татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим андешаронӣ карда, чунин мешуморад, ки омӯзиши забони модарӣ бояд бо низоми коммуникативӣ-салоҳиятмандӣ ҷараён гирад. Дар ин равия фаъолмандии хонандагон ва ташаккули малакаҳои мустақилонаи онҳо дар иртибот ба дарки матнҳои дар китоби дарсӣ овардашуда ба рушди зеҳнии талабагон мусоидат хоҳад кард. Дар ин хусус дар автореферати диссертатсия маълумотҳои дақиқ ва оморӣ тавассути таблитсаҳо ва диаграммаҳо фароҳам омадааст.

Рисолаи унвонҷӯй Бозоров Хушвахт нахустин пажуҳиши илмӣ дар соҳаи лингводидактикаи ватанӣ буда, дар он коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар робита бо муносибати босалоҳият ба таълим ба амал оварда шуда, мушкилот дар самти татбиқи амалии ин падидаи нав ошкор кардла шудааст.

Ҷамъбасти маълумотҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилона ҳини омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони нишон медиҳад, ки дар заминаи матнҳо ва машқҳои гуногун талабагон ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар сатҳи талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълимӣ сари вақт ва босамар ворид мешаванд. Муаллиф зимни пешниҳоди амсилаи таълимӣ сатҳи донишандӯзӣ, ташаккули маҳорат ва малакаи хонандагонро дар муқоиса ба таълими анъанавии забони модарӣ арзёбӣ намуда, татбиқи онро дар раванди таълим муҳим меҳисобад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар якчанд мақола ва гузоришоти илмӣ, маърӯза ва баромадҳо дар конфронсҳои гуногун тарҳрезӣ шудааст.

Автореферати мазкур бо забони илмӣ таҳия гардида, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ) ҷавобгӯ ва муаллифи он Бозоров Хушвахт сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
факултети забонҳои Шарқи МДТ-и
“ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров” **Ҳамробоев Насимҷон**

**Маълумот барои тамос:**
734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Тел:** (+992) 93- 766 36 00; **E-mail:** knasim@mail.ru

“Имзои Н.Ҳамробоевро тасдиқ мекунам”

Сардори РК ва КМ-и МДТ-и
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Ҳусейнова З.А.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров — РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

10.12.24